# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ПАЖӮҲИШГОҲИ ТИББИ ПРОФИЛАКТИКИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе     куч. Шевченко 61, тел. 21-10-81; Fax: 21-53-06

аз «_____»________________2025, №________                                ш.Душанбе

**«Тасдиқ мекунам»**
**Директори МД “Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон”, д.и.т.,**
**______________ М.М. Рузизода**
**«_30_»___сентябри___2025**

## ХУЛОСАИ
## МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович. дар мавзӯи: “Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 3.2.2. – Эпидемиология дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сафаров Ҷума Муминович унвонҷуи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» буда (01.08.2023, №8) ба шумор мерафт.

Сафаров Ҷума Муминович соли 1997 ба ихтисоси эпидемиология ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дохил шуда, онро соли 2003 хатм намуд. Солҳои 2005-2007 аз курси аввалияи тахассусгирии “Духтури сироятшинос” дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон, омӯзиш гузаштааст.

Номбурда бо фармоиши директори МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» аз 27 июли соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯйи МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» қабул карда шудааст.

Мавзуъ ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст (протокол №8 аз04.09.2023).

Шаҳодатнома оиди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар соли 2025 дар МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино» дода шудааст (№787 аз 23.09.2025).

Диссертатсияи Сафаров Ҷ. М. дар ҷаласаи шурои олимони МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» аз 26 сентябри соли 2025, №9, муҳокима гардидаст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оиди ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи “Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳо дар кӯдакон” чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Ихтисос, номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 3.2.2. – эпидемиология мутобиқат мекунад. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар миёнаҳои солҳои 2000-ум, ҳиссаи онҳое, ки гирифтори бемориҳои гелминтӣ будаанд, 1/3 беморон ба энтеробиоз, ҳамин миқдор аз аскаридоз рост меомад, дар ҳоле ки ҳар чорум гирифтори гелминтоз буданд. Дар асоси нишондодҳои муайяншуда дар сатҳи ҷумҳуриявӣ як қатор барномаҳои давлатӣ амалӣ карда шуданд, ки ба коҳиш додани шумораи гирифторони бемории гелминтӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар намудани ошкоркунӣ, ташхис ва табобат равона карда шудаанд. Яке аз зуҳуроти шиддати бемориҳои гелминтӣ дар байни кӯдакон ин басомади баланди камхунӣ аз норасоии оҳан мебошад. Басомади аломатҳои камхунӣ вобаста ба сину соли кӯдакон чи хел буд ва кадом аломатҳои асосии камхунӣ дида шуд омӯхта шуд. Маълум гардид, ки камхунӣ дар зиёда аз 45%-и кӯдакон ба назар мерасид. Ҳар қадаре ки кӯдак хурд бошад, шиддатнокии аломатҳои клиникӣ ҳамон қадар бештар буд. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки кӯдакони калонсол ба доираи васеи маҳсулоти хӯрокворӣ дастрасӣ доранд. Дар байни роҳҳои зиёди сироятёбӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар об, баъдан паст будани маданияти санитарии мактаббачагон, риояи номунтазами талаботи гигиенаи шахсӣ ва тарбияи саломатӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳаминро хам бояд гуфт, ки зиёд шудани дарачаи ошкоркунӣ ба шароити зиндагонии ахолӣ низ вобаста аст. Дар байни ин гуруҳи омилҳо шумораи аъзоёни оила, шароити манзил, хочагии манзилию коммуналӣ, таъминоти молиявӣ, ҳиссаи буҷаи нигаҳдории тандурустӣ дар системаи умумии маблағгузории мамлакат аҳамияти калон дорад. Вобаста бар ин вобастагии паҳншавии гелминҳо вобаста аз теъдоди аъзоёни оила, шароити зиндагӣ ва сатҳи доройӣ дар оила маълум карда шуд. Аксар вақт ба гелминтоз кӯдакони оилаҳои серфарзанд гирифтор мешуданд. Кам шудани шумораи кӯдакон дар оила далели тамоюли кам шудани шумораи гирифтори кӯдакон ва калонсолон буд. Дар он оилаҳое, ки шумораи аъзоёни оила 4-6 нафарро ташкил медод, сатҳи беморшавӣ қариб ду маротиба камтар буда. Сатҳи пасттарини гелминтоз дар он оилаҳое буд, ки шумораи аъзоёни онҳо 1-3 нафар -12% буд. Маълум гардид, ки накши шароити зиндагӣ ва сатҳи доройӣ дар

оила ба зуд-зуд гирифтор шудан ба бемории гелминтӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, ин имкон медиҳад бигӯем, ки сарвати оила ҳар қадар зиёд бошад, шумораи фарзандони солим зиёд мешавад. Дар баробари ин, шумораи кӯдакони сироятшуда дар муқоиса бо оилаҳои дорои сатҳи хеле паст ду маротиба камтар аст. Дар кори мазкур таҳлили вазъияти кунунии бемориҳои гелминтӣ дар кӯдакон омилҳое, ки ба паҳншавии ин бемориҳо мусоидат мекунанд, мубориза бар зидди ин бемориҳо гузаронида шудааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Аз рӯйи маводи диссертатсия 8 кори чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола ва фишурдаҳо дар маводҳои конрференсия, инчунин 1 дастури илмӣ-методӣ ба нашр расидааст. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Диссертант тафсири илмии 179 адад сарчашмаҳои илмиро гузаронидааст. Бо иштироки шахсии муаллиф таҳлили маълумотҳои омори расмии гирифторшавӣ бо бемориҳои гелминтӣ тайи солҳои 2020 ва 2023 гузаронида шудааст. Навиштани ҳамаи бобҳои диссертатсия, таҳияи мақсаду вазифаҳо, муқарраротн барои ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаву тавсияҳои амалӣ шахсан аз тарафи диссертант иҷро карда шудаанд.

Кори диссертатсионӣ мутобиқи шиносномаи ихтисосҳои Муассисаи давлатии "Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017 таҳти №4/1 тасдиқ шудааст, ба ихтисоси - Илмҳои тиббӣ, рамзи ихтисоси 3.2.2. – эпидемиология, соҳаи таҳсил ба зербанди 3.1.- шаклҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии ҷараёни эпидемикии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои муайян намудани сабабҳо, шароит ва механизми инкишофи он; банди 3.7. – таҳия ва такмили тадбирҳои (воситаҳои) зиддиэпидемиявӣ, инчунин шаклҳои нави ташкилии таъмини аҳолӣ бар зидди эпидемия (пешгирикунанда); банди 3.8.– Таҳия ва такмили асосҳои илмӣ, методӣ ва ташкили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия "Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон" аз муқаддима, тафсифи умумии таҳқиқот, Боби 1 «Гелминтозҳо дар кӯдакон, равандҳои муосир ба арзёбии басомади ошкор, ташхис, табобат ва чораҳои пешгирикунанда (шарҳи адабиётҳо)», ки аз се зербоб иборат аст; Боби 2 «Мавод ва усулҳои таҳқиқот»; Боби 3 «Динамикаи гирифторшавӣ ба гелминтозҳо дар кӯдакон дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон»; Боби 4 «Хусусиятҳои клиникӣ ва гематологии кӯдакони гирифтори гелминтозҳо, ки аз 5 зербоб иборат аст; Боби 5 «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот», инчунин

хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти илмӣ иборат аст. Диссертатсия бо 26 ҷадвал ва 5 расм ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 179 сарчашмаи илмиро дар бар мегирад.

Вобаста ба мавзуи ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1-М. Сафаров Ҷ.М. Басомади паҳншавии бемориҳои паразитӣ дар кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Ҷ.М.Сафаров // Илм ва фановарӣ. -2024. -№4. –С. 107-112.

2-М. Сафаров Ҷ.М. Омилҳои иҷтимоӣ ва маишии паҳншавии гелминтозҳо дар кӯдакон/ М.С.Талабзода, Х.Б. Давлатзода// Авҷи Зуҳал. -2025. -№3. -С. 83-89.

3-М. Сафаров Ҷ.М. Влияния поведенческих факторов на частоту и интенсивности распространения гельминтозов у детей/ М.С.Талабзода, А.Вохидов// Наука и инновация. -2025. -№2. –С. 13-18.

4-М. Сафаров Ҷ.М. Паҳншавии гелминтозҳои рӯдавии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /М.С Талабзода, Р.А.Турсунзода// Евразийский научно - медицинский журнал -2025. -Том 6. -№3. –С.130-138.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

5-М. Сафаров Дж.М. Некоторые результаты оценки эпидемиологии гельминтозов у детей / Ч. М. Сафаров, Ф.Ч. Каюмова // Материалы XIX научно-практической конференции молодых ученых и студентов с международным участием «Молодежь и медицинские инновации: создание будущего сегодня». –Душанбе. -2024. -С. 32

6-М. Сафаров Дж. М. Особенности микрофлоры кишечника у детей при гименолепидозе /Дж. М. Сафаров, Н.А. Бурхонова // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан», «Объявлению 2024 года -Годом правового просвещения» и «20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)». –Душанбе. -2024. –С. 384-387.

7-М. Сафаров Дж. М. Особенности клинического течения энтеробиоза с лямблиозом у детей /Дж. М. Сафаров, Н.А. Бурхонова //Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан», «Объявлению 2024 года - Годом правового просвещения» и «20-летию изучения

естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)». Душанбе. - 2024. – С. 387-390.

9-М. Сафаров Дж. М. Частота выявления симптомов железодефицитных анемии среди детей с гельминтозами в зависимости от возраста/ Дж. М. Сафаров, М.С. Талабзода // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ. Душанбе. - 2025. – С.837-844.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович. дар мавзӯи: “Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 3.2.2. – Эпидемиология кори таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович. дар мавзӯи: “Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 3.2.2. – Эпидемиология бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдори МДТ “ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино” тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» санаи 26 сентябри соли 2025 қабул гардидааст: Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси Шурои олимони**
**МД «Пажуҳишгоҳи тибби**
**профилактикии Тоҷикистон», д.и.т.** [signature] **М.М. Рузизода**

**Котиби илмии**
**МД «Пажуҳишгоҳи тибби**
**профилактикии Тоҷикистон», н.и.т.** [signature] **С.Ф. Шарифзода**

Имзоҳои Рузизода М.М. ва Шарифзода С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо Аббосова М. ______________________

26.09.2025с.